**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**Бо Фармони Директори генералии**
**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**_______________Раҳмонов Б.Р.**
**аз «08» ноября соли 2025, № 163/25**

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ
# ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР НАЗДИ ШАХСОНИ СЕЮМ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Душанбе – 2025**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии ухдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблаге, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда ӯҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 3. ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта аз рӯи Қоидаи мазкур манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо ӯҳдадориҳои ба миёномадаи вай дар натиҷаи расонидани зарар аз ҷониби шахси сеюм ва дар натиҷаи ин амалӣ шудани хароҷоти иловагӣ аз ҷониби Суғурташаванда дар мавриди пешбурди фаъолият ва / ва ё амалӣ намудани амалҳо дар Шартномаи суғурта (минбаъд «Фаъолияти суғурташуда» ва «Хавфи ҷавобгарии умумии маданӣ» номида мешавад) ба ҳисоб меравант.

3.2. Аз рӯи Шартномаи суғурта метавонад хавфи ҷавобгарии умуми маданӣ суғурта шаванд:

3.2.1. Барои зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва коршоямии шахси сеюм («зарари ҷисмонӣ») расонидашуда.

3.2.2. Барои зарари ба молумулки шахси сеюм («зарари молумулкӣ») расонидашуда.

3.2.3. Барои зарари ба ҳаёт, саломатӣ, коршоямии шахси сеюм («зарари ҷисмонӣ ва молумулкӣ») расонидашуда.

3.2.4. Барои расонидани зарар ба манфиатҳои молу мулкии шахсони ҳуқуқӣ дар мавриди ба амал баровардани фаъолияти касбӣ.

3.3. Тибқи Қоидаи мазкур субъектҳои суғурта ин, Суғуртакунанда, Суғурташаванда ва Фоидагиранда мебошанд, ки дар шартномаи суғурта ҳамчун тараф нишон дода шудаанд.

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Аз рӯи Қоидаҳо ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки шахси сеюм аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар натиҷаи ҳодисаи пешомада дар давраи амали Шартномаи суғурта ҳангоми

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

амалинамоии фаъолияти суғурташуда аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда), вақте чунин расонидани зарар ба уҳдадории Суғурткунанда оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғурта ба миён меорад, эътироф карда мешавад.

Далели расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки шахси сеюм бояд бо қарори қувваи қонунӣ гирифта ва ё даъвои молумулкӣ, ки ба таври расмӣ ба Суғурташаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

4.2. Илова бар он дар Қоидаҳои мазкур чунин фаҳмида мешавад:

4.2.1. Зараре, ки аз ҷониби Суғурташаванда расонида шудааст – ҳар кадом зараре, ки масъулият барои он мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди суғурта амал менамояд, ба Суғурташаванда вогузор карда мешавад.

4.2.2. Даъвои молумулкии Шахси сеюм оиди ҷуброни зарари аз ҷониби Суғурташаванда расонидашуда – мурожиати хаттӣ (аз он ҷумла дар шакли даъво), ки бевосита ба суғурташаванда равона карда шудааст, инчунин аризаи шикоятӣ ба суд, ки бо бурҳонҳо оиди далел, сабаб ва ҳаҷми зарар тасдиқшуда ва дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ асосёфта ва дар ҳудуди суғурта амалкунанда шаҳодатдиҳанда.

4.2.3. Ҳолатҳое, ки оиди имконияти ба Суғурташаванда пешниҳод намудани талабот аз ҷониби шахси сеюм» шаҳодатдиҳанда – далелҳои хаттии ба Суғуртакунанда пешниҳодшуда, махсусан: маълумотномаҳо, санадҳо, хулосаи мақомоти салоҳиятдор, далелҳои тасдиқкунандаи расонидани зарар аз ҷониби Суғурташаванда ба шахси сеюм, хусусияти ин зарар ва ҳаҷми он.

4.3. Суғуртанакунии мазкур нисбати ҳар кадом ҳодисаҳое, ки боиси рух додани ҳодисаи суғуртавӣ гардидаанд, ба ҷуз онҳое, ки дар ҳолатҳои рад кардани Қоидаи мазкур номбар шудаанд, гузаронида мешавад.

Расонидани зарар ба якчанд шахс дар натиҷаи таъсири як қатор ҳодисаҳои мунтазам (ва ё дар як вақт) ба миён омада (масалан, сӯхтор, таркиш ва ғ.), ки бо ҳамон як сабаб ба миён омадаанд, ҳамчун як ҳодисаи суғуртавӣ баррасӣ карда мешаванд.

## 5. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Хавфҳои суғуртавӣ тибқи Қоидаи мазкур ба миён омадани ҷавобгарии мадании Суғурташаванда дар назди шахсони сеюм вобаста ба ҳолатҳои зерин ба ҳисоб меравад:

5.1.1. Ба ҳаёт ва саломатии шахси сеюм («зарари ҷисмонӣ») расонидашуда.

5.1.2. Ба молумулки шахси сеюм («зарари молумулкӣ») расонидашуда.

5.1.3. Ҷуброни хароҷотҳои зарура ва мақсаднок, ки бо розигии хаттии суғуртакунанда бо мақсади пешакӣ ошкор кардани ҳолатҳо ва сабабҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, муқаррар кардани мавҷудият ва шакли гуноҳи суғурташаванда дар расонидани зарар, инчунин ҳимояи манфиатҳои суғурташаванда ҳангоми ба вай пешниҳод намудани талабот то интиқоли парванда ба суд (махсусан, хароҷотҳо барои гузаронидани экспертизаи мустақил ва ғ.) амалишуда.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

5.1.4. Ҷуброни хароҷотҳо ва пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ба шарте, ки расонидани парванда то ба суд бо розигии суғуртакунанда амалӣ шудааст ва ё Суғурташаванда наметавонист интиқоли парванда ба судро пешгирӣ намояд;

5.1.5. Дар вобастагӣ бо ворид намудани гарав ва ё дигар маблағҳои пулӣ, ки суғурташаванда ухдадор аст бо қувваи қонун, дар асоси қарори суд ва ё дигар мақомоти салоҳиятдор бо мақсади таъмин намудани иҷрои ухдадориҳо ворид намояд. Нисбати маблағҳои ишорашуда тартиби пешбининамудаи Қоидаи суғурта амал менамояд;

5.1.6. Дар вобастагӣ бо ҷуброни ҳароҷотҳо оиди кам кардани зарар ба ашхоси сеюм, агар чунин хароҷотҳо зарур буданд ва ё барои иҷрои супоришҳои суғуртакунанда амалӣ карда шуда буданд, ҳатто агар чораҳои мутобиқаткунанда бебарор бошанд ҳам;

5.1.7. Зарари маънавӣ, аммо танҳо агар имконияти ҷуброни он бевосита аз ҷониби шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад ва танҳо дар асоси қарори баровардашуда ва ё қувваи қонунӣ гирифташудаи мақомоти судӣ пешбинӣ шуда бошад.

5.2. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда хароҷотҳои дар Қоидаи суғурта овардашударо ҷуброн менамояд, инчунин дар он ҳолатҳое, ки Суғурташаванда дар натиҷаи он ба талаботи беасоси шахси сеюм дучор шудааст ва ба фаъолияти суғурташудаи ӯ пешниҳод гардидааст.

5.3. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд дар шартномаи суғурта хавҳои дигарро бо дарназардошти қонунгузории амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намоянд.

## 6. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

6.1. Маблағи суғуртавӣ маблағест, ки дар ҳудуди он Суғуртакунанда ухдадор мешавад пардохти суғуртавиро (ҷуброни суғуртавиро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохт намояд ва оне ки созишномаи байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда мебошад.

6.2. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ҳаҷми ҳадди ниҳоии ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ) ва ҳаҷми ҳадди ниҳоии ҷуброни суғуртавӣ нисбати ҳамаи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки дар муддати амали Шартномаи суғурта (маблағи суғуртавӣ) мувофиқа карда мешаванд.

6.3. Шартномаи суғурта метавонад меъёри ҷуброни суғуртавиро барои расонидани зарар тибқи тартиби зерин муқаррар намояд:

6.3.1. Ҳаёт ва саломатии як шахс;

6.3.2. Ҳаёт ва саломатии якчанд ашхос;

6.3.3. Молумулки ҳар кадом як шахс ва ё шумораи ашхос;

6.3.4. Аз рӯи силсилаи зарарҳое, ки аз як ҳодиса бармеоянд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.4. Шартномаи суғурта метавонад дигар меъёрҳои ҷуброни суғуртавиеро низ пешбинӣ намояд. Суғуртакунанда инчунин ҳуқуқ дорад зермеъёреро муайян намояд, ки ҳадди онро сиёсати андеррайтерии Суғуртакунанда пешбинӣ намудааст ва бо зарурати мувозинат кардани Шартномаи ҷудогона (ва ё) портфели Шартномаҳо пеш омадааст.

6.5. Маблағҳои суғуртавӣ (меъёри ҷуброн) нисбати ҳароҷотҳое, ки бо қонеъ намудани талаботи асосноки шахси сеюм нисбати Суғурташаванда, ҳароҷотҳои Суғурташаванда оид пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ оиди ҳодисаҳои суғуртавии эҳтимолшаванда, инчунин ҳароҷотҳои дигаре, ки дар Қоида оварда шудаанд, бо созиши тарафҳо аз таҷрибаи умумӣ (омор) нисбати ҳаҷми чунин ҳароҷотҳо муайян карда мешаванд.

6.6. Маблағи суғуртавӣ ба пули миллӣ сомонӣ муқаррар карда мешавад.

6.7. Амалигардонии пардохти суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ бо тартиби пешбиникардаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 7. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Меъёрҳои тарофавӣ дар асоси меъёрҳои тарофавии базавӣ бо назардошти шартҳои муайяни суғурта муқаррар карда мешаванд.

7.2. Ҳангоми муайян кардани маблағи мукофоти суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта бояд пардохт карда шавад, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро, ки аз ҷониби ӯ ҳисоб карда шудаанд ва ба мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа гардидаанд, бо назардошти дараҷаи хавфи суғуртавӣ, фаъолияти Суғурташаванда, мӯҳлати суғурта, хавфҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари имконпазир аҳамияти муҳим доранд, ҳисоб карда шудаанд, истифода мебарад.

7.3. Суғуртакунанда дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми бастани шартномаи суғурта барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои манфиатҳои молумулкии мушаххас ҳуқуқ дорад ба меъёрҳои заминавии тарифӣ коэффитсиентҳои болораванда ва пастшавандаро (минбаъд номида мешавад – коэффитсиентҳои ислоҳӣ) мутобиқи Ҷадвали тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқашуда истифода барад. Қарор дар бораи ҳаҷми муайяни коэффитсиенти баландкунанда ё пасткунанда аз ҷониби Суғуртакунанда пас аз омӯзиш ва баҳодиҳии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда ва имзонамудаи Суғурташаванда қабул карда мешавад. Андозаи мушаххаси тарифи суғуртавӣ бо мувофиқаи тарафҳо дар шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

## 8. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (пардохт барои суғуртакунӣ, ки Суғурташаванда ухдадор аст ба Суғуртакунанда пардохт намояд) дар асоси маблағи суғуртавӣ, меъёри тарофавӣ ва мӯҳлати суғурта 0ҳисоб карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.2. Ҳангоми суғуртакунӣ ба муддати камтар аз як сол мукофоти суғуртавӣ дар чунин фоиз аз ҳаҷми солонаи он пардохт карда мешавад: 1 моҳ – 20%, 2 моҳ – 30%, 3 моҳ – 40%, 4 моҳ – 50%, 5 моҳ – 60%, 6 моҳ – 70%, 7 моҳ – 75%, 8 моҳ – 80%, 9 моҳ – 85%, 10 моҳ – 90%, 11 моҳ – 95%.

8.3. Пардохти мукофоти суғуртавӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

8.4. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба муддати на камтар аз як сол ба Суғурташаванда метавонад ҳуқуқ барои пардохти мукофоти суғуртавӣ дар якчанд марҳилаҳо (ба таври муҳлатнок), бо қисматҳои баробарҳаҷм ва ё ғайрибаробар дошта бошад, илова бар он вай уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро аз рӯи тартиб ва муҳлатҳои пешбининамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

8.5. Оқибатҳои нопурра ва саривақт пардохт нагардидани мукофоти суғуртавӣ (ба таври муҳлатнок):

8.5.1. Агар дар муддати дар Шартномаи суғурта пешбинишудаи навбатӣ (ба муҳлати ҷудошуда) ҳаққи суғуртавӣ ворид карда нашавад, он гоҳ ба Суғурташаванда давраи имтиёзноке, ки аз 30 (сӣ) руз зиёд нест, пешниҳод карда мешавад, агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои пардохти қарз оиди пардохти ҳаққи суғуртавӣ пешниҳод накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ягон зарарҳо (талафот), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, дар муддати давраи имтиёздор ва то лаҳзаи пардохти қарз оиди супоридани ҳаққи суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда, ҷуброн наменамояд.

8.6. Бо супориши хаттии Суғурташаванда мукофоти суғуртавиро метавонад шахси дигар пардохт намояд, илова бар он ягон ҳуқуқ аз рӯи Шартномаи суғурта вай соҳиб намешавад. Дар бораи супориши мазкур Суғурташаванда уҳдадор аст Суғуртакунандаро бо ирсол намудани тасдиқи ҳуҷҷати барои чунин пардохт хабардор намояд. Суғурташаванда барои амали чунин шахс ҷавобгар аст.

8.7. Агар Шартномаи суғурта пешбинӣ карда бошад, ки мукофоти суғуртавӣ ҷоиз ба ҳисобкунӣ ва пардохт дар асоси ягон нишондиҳандаҳои иловагӣ (шумораи ҳайати кормандон, фонди маош, арзиши маҳсулоти ба фуруш рафта ва ғ.) мебошад, ҳисоби мукофоти суғуртавӣ дар асоси баҳогузории нишондиҳандаҳои мутобиқаткунанда барои давраи пешояндаи суғуртавӣ (сол, семоҳа, моҳ, давраи дигари ҳисоботӣ) амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат базаи муайян кардани ҳаҷми суғуртавӣ инчунин аз нишондиҳандаҳои ишорашуда вобаста аст.

8.7.1. Бо ба итмом расидани давраи мутобиқаткунандаи суғуртавӣ Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда маълумотҳоро оиди ҳаҷми ҳақиқии нишондиҳандаҳои мутобиқатнакунанда хабар диҳад. Дар асоси ин маълумотҳо аз нав ҳисобкунии мукофоти суғуртавӣ барои давраи гузашта амалӣ карда мешавад, фарқи байни мукофоти суғуртавӣ, ки дар асоси нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва баҳогузорӣ ҳисоб карда шудаанд, ба ҳисоби мукофоти суғуртавии навбатӣ дар давраи минбаъда гузаронида мешавад ва ё ба Суғурташаванда баргардонида мешавад ва ё ҷоиз ба пардохт аз ҷониби Суғурташаванда дар асоси ҳисоби пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда мебошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.7.2. Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои ҳақиқиро оиди нишондиҳандаҳое, ки барои аз нав ҳисобкунии мукоофти суғуртавӣ заруранд саривақтӣ пешниҳод нанамуда бошад, Суғуртакунанда уҳдадор аст ба таври хаттӣ онҳоро аз Суғурташаванда пурсиш намояд. Агар Суғурташаванда дар муддати 25 рӯзи кории минбаъда аз санаи дар пурсиши Суғуртакунанда пешниҳодшуда маълумоти талабшударо пешниҳод нанамояд, амали Шартномаи суғурта қатъ карда мешавад ва Суғуртакунанда аз уҳдадорӣ оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки бо гузаштани ин муҳлат рух додаанд, озод карда мешавад.

8.7.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дурустии маълумотҳое, ки аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод карда мешаванд, тафтиш намояд. Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда имконият барои амалӣ кардани чунин тафтишот пешниҳод намояд.

8.7.4. Агар чунин бារояд, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои нодуруст ва ё нопурра пешниҳод карда бошад, ки ба ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ таъсир мерасонанд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба Суғурташаванда ҳисоб барои мукофоти норасоидошта якҷоя бо илова ба Шартномаи суғурта ирсол намояд.

8.7.5. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо пули миллии сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи муайян ба асъори хориҷӣ низ муайян карда шавад.

Ҳангоми суғуртакунӣ бо баробарҳаҷми асъорӣ мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо пули миллии сомонӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт (гузаронидани ҳисоб) амалӣ карда мешавад.

## 9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

9.1. Шартномаи суғурта ин созишномаест, ки мувофиқи он Суғуртакунанда бо дарёфти мукофоти суғуртавӣ уҳдадор мешавад, ки дар ҳолати пешниҳоди талаботи қонунии шахси сеюм ба Суғурташаванда оид ба зарари ба ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ ва/ё молу мулк расонидашуда, дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ зарарро ва инчунин хароҷотҳои вобаста ба пешниҳоди чунин талаботро пардохт намояд.

9.2. Суғурташаванда метавонад Шартнома оиди суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқиро ба манфиати шахси дигар (минбаъд «шахси суғурташуда» номида мешавад) ба имзо расонад, агар ин ашхос тавонанд масъулияти инфиродӣ барои расонидани зарар бар душ гиранд.

9.2.1. Ҳамаи муқаррароти Қоидаи мазкур ва шартҳои Шартномаи суғурта, барои Суғурташаванда ва шахси суғурташуда низ ҳатмӣ мебошанд. Шахси суғурташуда барои иҷро накардан ва ё ба таври бояду шояд иҷро накардани

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

уҳдадориҳо аз рӯи Қоидаҳо ва шартҳои Шартномаи суғурта баробар бо Суғурташаванда масъулият дорад.

9.2.2. Шахси суғурташуда, ки хавфи масъулияти вай барои расонидани зарар суғурта шудааст, бояд дар Шартномаи суғурта номбар карда шавад, агар ин шахс дар Шартномаи суғурта номбар нашуда бошад, хавфи масъулияти худи Суғурташаванда суғурташуда ҳисобида мешавад.

9.2.3. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта пешбинӣ накарда бошад, дар ҳар кадом вақт то рух додани ҳодисаи суғуртавӣ шахси суғурташударо бо шахси дигар ба таври хаттӣ огоҳ намудани Суғуртакунанда оиди он иваз намояд.

9.3. Бастани Шартнома оиди суғуртанамоии Шахси суғурташуда Суғурташавандаро аз иҷрои уҳдадориҳои аз рӯи Шартномаи мазкур озод наменамояд.

9.4. Шартномаи суғурта ба манфиати Шахси сеюм басташуда ҳисобида мешавад, ки ба онҳо метавонад зарар расонида шавад (Фоидагирандагон), ҳатто агар Шартнома ба манфиати Суғурташаванда ва ё Шахси дигари суғурташуда басташуда бошад, ки барои расонидани зарар масъулият доранд ва ё дар Шартнома гуфта нашудааст, ки ба манфиати кӣ он баста шудааст.

9.5. Шартномаи суғурта метавонад дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда бо роҳи аз тарафи Суғуртакунанда ба Суғурташаванда супоридани Полиси суғуртавӣ (шаҳодатнома, сертификат, расид), ки аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда имзо шудааст ва Қоидаи суғурта баста шавад.

9.6. Дар баробари маълумотҳои пешбининамудаи бланкаи ариза, Суғурташаванда уҳдадор аст инчунин ба Суғуртакунанда маълумот оиди ҳолатҳое, ки барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои имкондор аз рух додани он (хавфи суғуртавӣ) хабар диҳад.

9.7. Дар сурати аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд, додани маълумоти бараъло бардурӯғ, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд ва дигар ҳолатҳои фиреби барқасдонаи Суғуртакунанда, охирин ҳуқуқ дорад ба тариқи хаттӣ Суғурташавандаро огоҳ намуда, дар асоси талаботи банди 2 моддаи 196 – и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи суғуртаро қатъ намояд.

9.8. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳогузории хавфи суғуртаро амалӣ намояд, махсусан, бо хусусиятҳои фаъолияти Суғурташаванда, дар вобастагӣ бо амалӣ намудани он эҳтимол карда мешавад, ки масъулияти вай суғурта карда шавад, шинос шавад.

9.9. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ва электронӣ баста мешавад.

9.10. Шартномаи суғурта бо роҳи аз ҷониби Суғуртакунанда ба Суғурташаванда дар асоси аризаи шифоҳии ӯ супоридани Полиси (Полис- офертаи) суғуртавии имзонамудаи Суғуртакунанда метавонад аз рӯйи яке аз вариантҳои зерин баста шавад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.10.1. Дар ҳолати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супоридани Полиси суғуртавӣ розигии Суғурташаванда барои бастани шартномаи суғурта дар асоси шартҳои пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда (Аксепти Суғурташаванда) бо қабул намудани Полиси суғуртавӣ аз Суғуртакунанда тасдиқ мегардад.

9.10.2. Дар ҳолати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супоридани Полис-офертаи суғуртавӣ розигии Суғурташаванда барои бастани шартномаи суғурта дар асоси шартҳои пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда (Аксепти Суғурташаванда) бо пардохт намудани мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи Полис-офертаи суғуртавӣ тасдиқ мегардад.

9.11. Дар ҳолати гум кардани Шартномаи суғурта дар давраи амали он ба Суғурташаванда дар асоси аризаи хаттӣ нусхаи мутобиқаткунандаи он дода мешавад, баъди он ҳуҷҷати гумшуда бекоршуда ҳисобида шуда, пардохти суғуртавӣ аз рӯи он амалӣ карда намешавад.

9.12. Дар ҳолати ба миён омадани зарурати ба мазмуни Шартномаи суғурта ворид намудани шартҳое, ки аз шартҳои дар Қоидаи суғурта дарбаргирифташуда фарқкунанда, ин дар Шартнома ва ё ба замимаҳои он ворид карда мешавад.

9.13. Шартномаи суғурта метавонад ба ҳар кадом муддати мувофақанамудаи тарафҳо баста шавад.

9.14. Шартномаи суғурта мутобиқи Қоидаҳо кутоҳмуддат ҳисобида мешавад, агар он ба муддати камтар аз як сол баста шуда бошад.

9.15. Агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад, он аз санаи ибтидои суғурта, ки дар Шартномаи суғурта ишора карда шудааст, қувваи қонунӣ мегирад. Дар Шартномаи суғурта метавонад дигар тариқҳои қувваи қонунӣ гирифтани Шартнома пешбинӣ карда шавад, махсусан аз соати 00:00 дақиқа аз санаи баъди пардохти мукофоти суғуртавӣ оянда, ки Шартномаи суғурта пешбинӣ намудааст.

9.16. Рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ рӯзи гузаронидани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда ба ҳисоб меравад.

Далели пардохти мукофоти суғуртавӣ бояд бо ҳуҷҷатҳои мутобиқаткунанда тасдиқ карда шавад.

9.17. Агар баъди бастани Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ (ва ё ҳаққи аввалини он) ба Суғуртакунанда дар муддат ва дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Шартнома пардохта нашавад, Шартномаи суғурта қувваи қонунӣ нагирифта ҳисобида мешавад, илова бар он, агар подош дар ҳаҷми нопурра пардохта шуда бошад, он ҷоиз ба баргардонӣ ба Суғурташаванда мебошад.

9.18. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

9.18.1. ба итмом расидани муҳлати амали он;

9.18.2. иҷро кардани уҳдадориҳои Суғуртакунанда дар назди Суғурташаванда аз рӯи Шартнома ба таври пурра;

9.18.3. аз ҷониби Суғурташаванда пардохт нагардидани мукофоти суғуртавӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартнома;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.18.4. барҳамхурии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад ва ё марги Суғурташаванда, ки шахси воқеӣ мебошад;

9.18.5. барҳамхурии Суғуртакунанда аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9.18.6. қабули қарор аз ҷониби суд оид ба беэътитбор донистани Шартномаи суғурта

9.18.7. дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9.19. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад аз Шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт даст кашад, агар дар лаҳзаи дасткашӣ имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, аз рӯи ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанда аз байн нарафта бошад.

Ҳангоми пеш аз муҳлат даст кашидани Суғурташаванда аз Шартномаи суғурта ки ба Суғуртакунанда мукофоти суғуртавии пардохтшудаи он ҷоиз ба баргардонӣ нест, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

9.20. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд аз шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт, баробари оиди он огоҳ намудани тарафи дигарро ба таври хаттӣ на кам аз 30 руз то рузи қатъшавии шартномаи суғурта огоҳ намояд.

9.21. Агар Шартномаи суғурта пеш аз муҳлат дар вобастагӣ бо он, ки имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ қатъ карда шавад ва мавҷудияти хавфи суғуртавӣ аз рӯи ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанда қатъ карда шуда бошад, мутобиқи Кодекси маданӣ Суғуртакунанда ба қисми мукофоти суғуртавӣ, баробарҳаҷм ба вақте, ки дар муддати он суғурта амал мекард, ҳуқуқ дорад.

9.22. Суғуртакунанда метавонад бо мақсади азнавсуғуртакунӣ дар шартномаҳои суғурта шартҳоеро, ки ба стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалии азнавсуғуртакунӣ мутобиқат мекунанд, истифода намояд. Банди мазкур нисбати шартномаҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ фаро гирифта намешавад, татбиқ намегардад.

## 10. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

10.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

10.1.1. Бо Қоидаи суғурта шинос шуда, нусхаи онро гирад.

10.1.2. Дар ҳолати гум кардани Шартнома/Полиси суғуртавӣ, нусхаи Шартнома/Полиси суғуртавиро гирад.

10.1.3. Бо созиш бо Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта маблағи суғуртавиро муқаррар намояд.

10.1.4. Дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта Фоидагиранда таъин намояд.

10.1.5. Аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи суғуртаро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳое, ки эҳтимолияти ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтимолиро дар ҳолати суғуртавӣ пасткунандаро талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.1.6. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

10.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

10.2.1. Мукофоти суғуртавиро дар ҳаҷм ва мухлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

10.2.2. Ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ба вай маълум ва барои баҳогузории дараҷаи хавфи суғуртавӣ аҳамияти назаррас дошта, оиди дигар шартномаҳои суғурта, инчунин оиди ҳар кадом тағийроти дигаршавии дараҷаи хавфи суғуртавӣ хабар диҳад.

10.2.3. Ҳамаи чораҳои имкондорпазирро оидии пешгирии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳангоми ба миён омадани он чораҳои имконпазирро оиди кам кардани зарар андешад.

10.2.4. Баъди он ки ба Суғурташаванда оиди расонидани зарар ба шахси сеюм маълум гардид, вай уҳдадор аст:

10.2.4.1. Фавран дар давоми се рӯз (72 соат) дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад.

10.2.4.2. Оиди ҳодисаи суғуртавии баамаломада ба мақомоти салоҳиятдори баррасикунандаи ҳолати руҳдода хабар диҳад.

10.2.4.3. Бе интизор шудани ба ҷои расонидани зарар омадани намояндаи Суғуртакунанда ва ё кормандони мақомоти салоҳиятдор маълумоти дастраси пешакиро нисбати сабабҳо ва ҳолатҳои расонидани зарар ҷамъ намояд. Масалан, санад дар шакли ихтиёрӣ бо иштироки намояндагони маъмурияти маҳаллӣ, намояндагони дигар мақомоти расмӣ, инчунин бо иштироки шоҳидони ҳодисаи суғуртавӣ ташкил намояд ва онро ба Суғуртакунанда бо мақсади тафтишоти минбаъдаи дуруст ва объективона ба таври расмӣ интиқол диҳад.

10.2.4.4. Чораҳои ақлона ва дастрасро дар ҳолати бавуҷудомада оиди пешгирӣ ва ё кам кардани зарар, наҷот додани ҳаёт ва молумулки ашхоси ҷабрдида андешида бошад. Баробари андешидани чунин чораҳо, Суғурташаванда бояд супоришҳои Суғуртакунандаро риоя намояд, агар онҳо ба Суғурташаванда хабар дода шуда бошанд.

10.2.4.5. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ аз рӯи шакли муқарраршуда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо замима кардани маводҳои мавҷуда пешниҳод намояд.

10.2.4.6. Суғуртакунандаро хабардор намояд:

– оиди оғоз кардани парвандаи судӣ дар вобастагӣ бо расонидани зарар, гузаронидани тафтишот аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, гузоштани ҳабс ба молумулк, гузаронидани дигар амалҳои мурофиавӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– оиди ҳамаи талаботҳои хусусияти молмумулкӣ дошта, ки ба Суғурташаванда дар вобастагӣ бо расонидани зарар пешниҳод шудаанд. Ҳангоми гирифтани чунин талабот аз шахси ҷабрдида Суғурташаванда уҳдадор аст ба ин шахс шартҳое, ки ба онҳо таваккал суғурта шудааст, инчунин зарурати ҷавоб додан ба дархостҳои Суғуртакунанда оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаронидани тафтишоти ҳодисаи суғуртавии Суғуртакунанда, инчунин зарурати иштироки Суғуртакунанда дар мавриди азназаргузаронии молумулки зарардида ва ё баҳогузории зарари расонидашударо шарҳ диҳад;

– оиди пешниҳоди аризаи даъвогӣ аз ҷониби ҷабрдида ба суд. Дар чунин ҳолат Суғурташаванда бо хоҳиши Суғуртакунанда уҳдадор аст ба шахси ишоранамудаи Суғуртакунанда ваколатнома оид ҳуқуқи намояндагӣ намудани Суғурташаванда дар раванди судӣ бо ҳамаи салоҳиятҳои мурофиави зарура , пешниҳод намояд.

10.2.4.7. Бе розигии Суғуртакунанда талаботи дар вобастагӣ бо расонидани зарар пешниҳодшударо эътироф нанамояд, ба худ ягон уҳдадориҳоро оиди танзими чунин талабот қабул нанамояд, инчунин ягон пардохт ба шахси сеюм дар вобастагӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ нанамояд.

10.2.4.8. Ба Суғуртакунанда дар мавриди ҳимояи судӣ ва ғайрисудӣ дар вобастагӣ бо баррасӣ кардани ҳолатҳои расонидани зарар мусоидат намояд.

10.2.4.9. Ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи сабабҳо, хусусият ва ҳаҷми зарари расонидашуда, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ гирифта шудаанд, пешниҳод намояд.

10.2.4.10. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда дигар ҳуҷҷатҳоро низ талаб намояд, агар бо назардошти ҳолатҳои муайяни расонидани зарар, набудани онҳо дар Суғуртакунанда муқаррар кардани далели расонидани зарар ва муайян кардани ҳаҷми он ғайриимкон мегардонад (ва ё хеле мураккаб мегардонад). Уҳдадории исбот кардани зарурати чунин маълумот, ҳангоми ба миён омадани баҳс ба Суғуртакунанда вогузор карда мешавад.

10.2.5. Ба Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро (ва ё қисми мутобиқкунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолат аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта, пурра ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд.

10.2.6. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

10.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

10.3.1. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои муайян кардани дараҷаи таваккал зарурӣ шинос шавад.

10.3.2. Мустақилона сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро муайян намояд.

10.3.3. Аз Суғурташаванда маълумоти барои муқаррар намудани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои хусусияти сирри тиҷоратӣ доштаро талаб намояд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.3.4. Вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ аз мақомоти дахлдор ва корхонаю муассисаҳои дигар, ки оид ба ҳодисаи суғуртавӣ иттилоот доранд, маълумоти заруриро гирад, инчунин сабабу ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона муайян намояд.

10.3.5. Маълумоти аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳодшударо тафтиш намояд, инчунин аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) риоя намудани талабот ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

10.3.6. Ба мақомоти мутобиқаткунандаи салоҳиятдор оиди далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дархост ирсол намояд;

10.3.7. Тағйирдиҳии шартҳои Шартномаи суғурта ва пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағийрот дар дараҷаи хавфи суғуртавӣ баъди бастани Шартнома ба миёни омада бошад.

10.3.8. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

10.4. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

10.4.1. Суғурташавандаро бо Қоидаи суғурта шинос намуда, ба вай як нусхаи онро пешниҳод намояд.

10.4.2. Дар ҳолате аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) гузаронидани чорабиниҳое, ки имконияти паст кардани хавфи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари эҳтимолиро медиҳанд, аз рӯи аризаи Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро бо назардошти ин ҳолатҳо дигар намояд.

10.4.3. Махфияти маълумоти сирри тиҷоратии Суғурташавандаро таъмин намояд.

10.4.4. Ҳангоми гирифтани аризаи Суғурташаванда оиди расонидани зарар Суғуртакунанда уҳдадор аст:

10.4.4.1. Экспертизаи ҳодисаи суғуртавиро гузаронад, сабабҳо ва ҳаҷми зарари расонидашударо муқаррар намояд.

10.4.4.2. Санади суғуртавӣ тартиб диҳад.

10.4.4.3. Пардохти ҷуброни суғуртавиро дар муддати муқаррарнамуда амалӣ намояд, ҳангоми набудани асос барои ин ба Суғурташаванда хулосаи асоснок оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ирсол намояд.

10.4.5. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

10.5. Агар Суғурташаванда кадоме аз уҳдадориҳои худ ки дар банди 10.2.4. – и Қоидаи мазкур оварда шудаанд, вайрон намояд, Суғуртакунанда аз уҳдадории пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ то он ҳадде, ки ин боиси ба миён омадан ва ё болоравии ҳаҷми зарар гардидааст, озод карда мешавад.

## 11. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

11.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ дар асоси маблағи суғуртаӣ барои расонидани зарар ба Фоидагирандаи муайян (Фоидагиранда), ки бо қарори суд барои ҷуброн аз

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда супорида шудааст, муайян карда мешавад. Илова бар он Суғуртакунанда танҳо он қисми ҷуброни барои ситонидан супоридашуда, ки талафоте (зарарҳо), ки натиҷаи бевоситаи зарар мебошанд, ва аз ҷониби Суғурташаванда дар натиҷаи фаъолияти суғурташуда расонида шудааст, месупорад.

11.2. Ҳангоми танзими ғайрисудии даъво оиди расонидани зарар, ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ дар асоси маблағи суғуртавӣ муайян карда мешавад.

11.3. Дар ҳар кадом ҳолат ҳаҷми зарари ба шахси сеюм расонидашуда чунин муайян карда мешавад:

11.4. Барои молумулки нуқсондоршуда, нобудшуда (зарари ба молумулки шахси сеюм расонидашуда – «талафоти молумулкӣ») – дар ҳаҷми арзиши ҳақиқии молумулки нобудшуда ва ё дар ҳаҷми арзиши барқароршудаи молумулки нуқсондоршуда, агар чунин молумулк барқарор карда шавад. Ҳамзамон дар таркиби зарари молумулкӣ ҷоиз ба ҷуброн мебошад, инчунин даромаде, ки бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ шудааст ба талаби шахси сеюм мутобиқат менамояд ва ба Суғурташаванда арз шудааст, амалӣ карда мешавад.

11.4.1. Барои зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси сеюм расонида шудааст («талафоти ҷисмонӣ»):

– дар ҳаҷми даромади аз даст рафта, инчунин ҳароҷотҳои иловагӣ оиди барқароркунии саломатӣ (аз он ҷумла табобат, ғизогирии иловагӣ, харидани доруворӣ, протезкунӣ, нигоҳубини беруна, табобати санаторӣ-курортӣ, харидани воситаҳои нақлиётии махсус, омодакунӣ ба касби дигар, ба шарте, ки чунин ҳароҷотҳои иловагӣ дар вобастагии бевоситаи сабабӣ-натиҷавӣ бо зарари ба саломатии Шахси сеюм расонидашуда) қарор дорад – барои ҳолатҳои расонидани иллат ва ё нуқсондоршавии саломатӣ;

– дар ҳаҷми даромади миёнаи моҳона (даромад) то гирифтани иллат ва нуқсондоршавии дигари саломатӣ ва ё то гум кардани коршоямии касбии ҷабрдида, ки ба дараҷаи гум кардани коршоямии касбӣ мутобиқат менамояд, ҳангоми набудани коршоямии касбӣ – дараҷаи гум кардани коршоямии умумӣ – барои ҳолатҳои гум кардани коршоямӣ дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатии шахси сеюм;

– дар ҳаҷми даромади миёнаи моҳонаи ҷабрдида ба сифати кумакпулӣ оиди марги нафақадеҳ барои кӯдакони ноболиғ ва/ё аъзоёни корношоями оила, ки дар зери сарпарастии ҷабрдида қарор доранд, аммо на зиёда аз ҳаҷми маблағи суғуртавӣ, ки аз рӯи намуди мазкури ҷуброни суғуртавӣ ишора гардидааст, инчунин дар ҳаҷми ҳароҷотҳо барои гӯручӯбкунӣ – барои ҳолатҳои марги шахси сеюм.

Дар Шартномаи суғурта метавонад намудҳои дигари ҳароҷотҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда карда шаванд.

11.5. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

12.1. Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар муддати 15 (понздаҳ) рӯзи корӣ аз санаи ворид шудани ариза аз Суғурташаванда (Шахси суғурташуда ва ё Фоидагиранда) оиди рух додани ҳодисаи дорои аломатҳои ҳодисаи суғуртавӣ буда, бо замимаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриаи пешбининамудаи Қоидаҳо ва Шартномаи суғурта амалӣ менамояд. Равиши муддати муҳлати дар боло ишорашуда танҳо баъди бевосита аз ҷониби Суғуртакунанда гирифтани ҳуҷҷати охирини зарурӣ, ки он далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ инчунин ҳаҷми пардохти суғуртавиро (ҷуброни суғуртавиро) тасдиқ менамояд, шуруъ мешавад.

12.1.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) пешниҳодшуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои лозима ва аз ҷониби Суғуртакунанда мустақилона гирифташуда, мустақилона муқаррар карда мешавад.

12.2. Ҳангоми ихтилофот нисбати ҳаҷми зарари аз ҷониби Суғурташаванда ҷуброншаванда, дигар ҳолатҳои расонидани зарар, онҳо метавонанд аз ҷониби эксперти мустақил аз шумораи баробари намояндагон аз ҷониби Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ташкил карда мешавад, муайян карда мешавад.

12.3. Хароҷотҳое, ки дар вобастагӣ бо иҷрои уҳдадорӣ оиди наҷотдиҳии ҳаёт, саломатӣ ва ё молумулки шахси сеюм вобаста ба Суғурташаванда ҷуброн карда мешаванд, ҳатто агар хароҷотҳои мазкур натиҷаи самараноки мусбӣ надода бошанд ҳам.

12.4. Аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн намудани ҳароҷотҳои бо қонеъ намудани талаботи асоноки шахси сеюм вобаста ба Суғурташаванда, ҳароҷотҳои Суғурташаванда оиди пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавии эҳтимолӣ, инчунин дигар ҳароҷотҳое, ки дар б.5.1. Қоидаҳо оварда шудаанд, наметавонанд ба таври умум аз маблағҳои мутобиқаткунандаи хароҷотҳо, ки дар Шартномаи суғурта муқаррар карда шудаанд, зиёд бошанд.

Ҷуброни зарари маънавӣ дар ҳолатҳои истисноӣ дар асоси қарори баровардашуда ва қувваи қонунӣ гирифтаи мақомоти судӣ дар ҳаҷми дар қарор ишорашуда, аммо дар ҳар кадом ҳолат на зиёда аз маблағи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни суғуртавӣ), ки дар категорияи мазкури зарар ишора шудааст, амалӣ карда мешавад.

12.5. Агар Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ҷуброни суғуртавиро барои расонидани зарар аз ашхоси дигар гирифта бошад, Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағи аз рӯи шартҳои Шартномаи суғурта ҷоиз ба пардохт буда ва маблағи аз ашхоси дигар гирифташударо пардохт менамояд. Суғурташаванда уҳдадор аст Суғуртакунандаро оиди гирифтани чунин маблағҳо хабардор намояд.

12.6. Дар он ҳолатҳое, ки вақте зарари расонидашуда аз ҷониби ашхоси дигар ҷуброн карда шавад, Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағи ҷуброни суғуртавӣ, ки аз рӯи Шартномаи суғурта ҷоиз ба пардохт мебошад ва маблағи аз ҷониби ашхоси

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

дигар ҷуброншуда, ба истиснои маблағҳои барои ҷуброни зарар пардохтшаванда аз маблағҳои аз рӯи Шартномаи мазкур зиёдро пардохт менамояд, ба шарте, ки ба чунин пардохт наметавонад ҳуқуқи суброгатсияи Суғуртакунанда равона карда шуда бошад. Суғурташаванда уҳдадор аст Суғуртакунандаро оиди пардохтҳои ҷуброни суғуртавии аз ҷониби шахсони дигар амалигардида, ки ба вай маълум гардидааст, хабар диҳад.

12.7. Агар Суғурташаванда дар асоси иҷрои қарори суд ба Фоидагиранда ҷуброни зарари то пардохти ҷуброни суғуртавӣ расонидашударо аз рӯи Шартномаи суғурта амалӣ гагрдонида бошад, онгоҳ ҷуброни суғуртавӣ мутобиқи шартҳои Қоидаҳо ба Суғурташаванда дар ҳудуди ҷуброни зарари амалинамудаи вай пардохт карда мешавад.

12.8. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади гузаронидани тафтишоти дохилӣ нисбати далел, сабабҳо, ҳолатҳои рух додани ҳодисаи дорои аломатҳои ҳодисаи суғуртавӣ буда, инчунин муайян кардани ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ эътирофи ҳодисаро ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ, мутобиқатан пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба таъхир гузорад, агар:

12.8.1. Бо ташаббуси Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) экспертизаи иловагии сабабҳо ва ҳолатҳои расонидани зарар гузаронида шудааст. Илова бар он муддати пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба давраи вақте, ки дар муддати он экспертиза гузаронида шудааст, зиёд карда мешавад;

12.8.2. Аз рӯи далели расонидани зарар парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шудааст ва ё раванди судӣ оғоз карда шудааст – то қабули қарори мутобиқаткунанда аз ҷониби суд ва ё муқаррар кардани ҳолатҳое, ки барои қабули қарори оиди пардохти суғуртавӣ мамониат накунанда.

12.9. Ҳангоми суғуртакунӣ бо асъорӣ пардохти суғуртавӣ ба пули миллии сомонӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои асъори мутобиқаткунанда пешбинӣ шудааст, дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

12.10. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

## 13. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ҳодиса ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад ва Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст мекашад:

13.1.1. Агар зарар дар натиҷаи чунин ҳолатҳо расонида шуда бошад:

– агар ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи кирдори бадқасдонаи Суғурташаванда, бадастоварандаи фоида ё шахси суғурташуда рух дода бошад;

– барои истифодабарӣ корношоям будани мошинаҳо (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) ки ба Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ва/ё намояндаҳои ӯ то шурӯъ кардани истифодабарии он маълум буд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– идоракунии мошина (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) бе хабардоркунии Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), дар ҳолати надоштани ҳуқуқ ба чунин идоракунӣ;

– амалӣ кардани фаъолияти суғурташуда бо вайрон кардани талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарор доштани намояндаи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки машинаро (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) дар ҳолати мастии алкогол, нашъа, токсикӣ идора менамояд ва ё интиқол додани идоракунӣ ба ашхоси дигаре, ки дар чунин ҳолат қарор доранд.

Аммо Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ озод намегардад, агар хавфи мазкур аз ҷониби Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад ва зарар бо гуноҳи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки барои расонидани зарари мазкур масъул аст, расонида шуда бошад.

13.1.2. Агар Суғурташаванда ва (ва ё) Шахси суғурташуда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян кардани сабабҳо ва дигар ҳолатҳои расонидани зарар ва / ва ё ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ намудаанд, дар натиҷаи он ҷуброни суғуртавӣ беасос ва ё пардохт гардидааст ва ё дар ҳаҷми калон назар ба зарари расонидашуда муайян карда шуда пардохта шудааст ва ё нисбати шахсоне пардохта шудааст, ки ба манфиати онҳо Шартномаи суғурта набояд иҷро карда шавад.

13.2. Ҳодиса ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад ва Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ дар ҳолатҳои тағйироти назаррас аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) фаъолияти суғурташуда бе розигии пешакии хаттии Суғуртакунанда барои давом додани муносиботи шартномавӣ амалинамуда, даст кашад.

13.3. Мутобиқи қисми 11, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» агар Суғурташаванда ё шахсе, ки ба манфиати ӯ пардохти ҷуброни суғуртавӣ анҷом дода мешавад, ҷуброни пурраи зиёнро (зарарро) аз шахси гунаҳкори зиёнрасонида (зараррасонида) гирифта бошад, дар ин сурат Суғуртакунанда аз додани ҷуброни суғуртавӣ озод мегардад. Ҳангоми аз тарафи шахси гунаҳкор қисман додани ҷуброни зиён (зарар), Суғуртакунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро бо дарназардошти маблағе, ки шахси мазкур аз шахси гунаҳкор гирифтаст, анҷом медиҳад.

13.4. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

13.5. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз ҷуброни суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

13.6. Даст кашидани Суғуртакунанда оиди амалӣ намудани пардохт метавонад дар суд шикоят оварда шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 14. ТАҒИЙРЁБИИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

14.1. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои назарраси нисбати ҳолатҳои ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартнома хабардодашуда ва ба вай маълумшуда хабар диҳад, агар ин тағийрот тавонад ба таври арзишнок ба баландшавии хавфи суғуртавӣ (тағийрёбии ҳолатҳо арзишнок ҳисобида мешавад, агар вақте онҳо то он дараҷае дигар шудаанд, ки агар тарафҳо метавонистанд онҳоро ба таври ақлона пешбинӣ намоянд, Шартнома умуман аз ҷониби онҳо баста намешуд ва ё аз рӯи шартҳои ба таври назаррас фарқкунанда баста мешуд) таъсир расонанд.

14.2. Тағийроти назаррас ин ҳар кадом тағийроте эътироф карда мешавад, ки дар маълумотҳо дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд (мавҷуданд), ариза барои суғуртакунӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастан ва иҷрои Шартномаи суғурта пешниҳод гардидаанд (интиқол дода шудаанд). Ҳуҷҷатҳои дар боло ишорашуда қисми ҷудонопазири Шартномаи суғурта мебошанд. Ба чунин ҳолатҳо аз он ҷумла (аммо бе маҳдудият) васеъкунӣ, диверсификатсия ва ё тағийрёбии соҳаи фаъолияти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд, ворид мешаванд.

14.3. Баъди гирифтани маълумот оиди боловравии хавфи суғуртавӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад тағийрот дар шартҳои Шартномаи суғурта ва ё пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро баробарҳаҷм ба боловравии таваккал талаб намояд.

14.4. Агар Суғурташаванда муқобили тағийроти шартҳои Шартномаи суғурта ва ё иловатан супоридани мукофоти суғуртавӣ эътироз намояд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартномаро аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд. Махсусан, созишнома оиди бекор кардани Шартнома дар ҳамон шакле, ки Шартнома тартиб дода шудааст амалӣ карда мешавад, уҳдадориҳои тарафҳо аз лаҳзаи бастани созишнома оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад, ҳангоми бекор кардани он аз рӯи тартиби судӣ– аз лаҳзаи қувваи қонунӣ гиирифтани қарори суд оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад. Тарафҳо ҳуқуқ надоранд бозгашти он чиро ки аз ҷониби онҳо аз рӯи уҳдадориҳо то лаҳзаи бекор кардани Шартнома иҷро карда шудааст талаб намоянд, агар дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

14.5. Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои назаррас дар мавриди ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани Шартнома хабар дода шудааст, хабар надиҳад, онгоҳ мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартнома ва ҷуброни зарарҳое, ки бо бекор кардани Шартнома вобастаанд, талаб намояд. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад бекор кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар ҳолатҳое, ки сабаби боловравии хавфи суғуртавӣ гардидаанд, аллакай аз байн рафта бошанд.

## 15. ГУЗАРИШИ ҲУҚУҚИ СУҒУРТАШАВАНДА БА СУҒУРТАКУНАНДА ОИД БА ҶУБРОНИ ЗАРАР

15.1. Тибқи муқаррароти қисми 10, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ҳангоми рух додани ҳодисаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғуртавӣ ба Суғуртакунада, ки пардохти ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) аз рӯи шартномаи суғуртаи масъулият анҷом додааст, дар доираи ин маблағ ҳуқуқи талаби регрессӣ нисбат ба шахси гунаҳкор, ки бо айби ӯ ба Суғурташаванда ё шахсони сеюм зиён (зарар) расонида шудааст, мегузарад. Агар Суғурташаванда аз даъвои худ нисбат ба шахси мазкур ё аз ҳуқуқҳое, ки иҷрои ин талаботро таъмин менамоянд, даст кашад, дар ин ҳолат Суғурткунанда аз пардохти он қисми ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ), ки бояд аз ин шахс меситонид, озод карда мешавад.

## 16. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

16.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор тариқи хаттӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

16.2. Агар дар лаҳзаи фаворасии ҳодисаи суғуртавй нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал памоянд, он гоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғуртакунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

16.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғуртакардаи Суғуртакунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакупапда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 17. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

17.1. Суғурташаванда, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғуртакунанда медиҳад.

17.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

17.3. Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, ғайришахсӣ намудан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои Суғуртакунанда коркард намояд.

17.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳри иҷроипш ухдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм интиқол диҳад, ба шарте, ки Суғуртакунанада бо шахсони сеюми ишорашуда созишномае, ки бехатарии маълумотҳои шахсиро ҳангоми коркард ва пешгирии ифшо гардидани маълумотҳои шахсиро таъмин менамояд, дошта бошад.

17.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

17.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли мактуби фармоишӣ бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебарояд ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани муҳлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда ухдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани муҳлати мурури даъво нобуд созад.

17.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

17.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вақт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

17.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

17.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё ухдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартҳои дар Қисми мазкури Қоида ишорагардида инчунин ба шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда дар ҳодати розигӣ додан/надодани онҳо барои ҳуқуқи истифодаи маълумоти шахсйи онҳо аз ҷониби Суғуртакунанда дахл доранд.

## 18. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

18.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

18.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

18.3. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровარда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии
маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии ҶДММ
ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________ Раҳмонов Б.Р
аз «08» ноябри соли 2025, № 163/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \tag{1.1.1}$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \tag{1.1.2}$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \tag{1.1.3}$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_x$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_a$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_c$.

$$T_x = T_a + T_c \tag{1.1.4}$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_a$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_{а} = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad (1.1.5)$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав. $T_c$** – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_{c} = 1{,}2 * T_{а} * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{х * q}} \qquad (1.1.6)$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ $T_{\Delta}$** – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_{\Delta} = \frac{Tх * 100}{100 - f} \qquad (1.1.7)$$

Дар ин ҷо: $T_{х}$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба муҳлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Ҷадвали 1**

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

Баҳисобгирӣ ва асоснокkунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | ҶАВОБГАРИИ МАДАНӢ | |
|---|---|---|---|
| | | Зарар ба молу мулк | Зарар ба ҳаёту саломатӣ |
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,500 | 0,400 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 2 625 | 2 813 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 3 626 124 | 3 626 124 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 50 | 50 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,036 | 0,031 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,010 | 0,011 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,046 | 0,042 |
| Сарборӣ | f | **74,3** | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,18** | **0,16** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии
маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

SPITAMEN insurance

# ШАРТНОМАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР НАЗДИ ШАХСОНИ СЕЮМ
# №_____

**ш. Душанбе** **«___» _____ соли 20__**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №____________ аз «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти ________________________________, ки дар асоси Оинномa амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии масъулияти маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюми мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд.

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.
- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.
- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.
- **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта аз рӯи Шартномаи мазкур манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо уҳдадориҳои ба миёномадаи вай дар натиҷаи расонидани зарар аз ҷониби шахси сеюм ва дар натиҷаи ин амалӣ шудани хароҷоти иловагӣ аз ҷониби Суғурташаванда дар мавриди пешбурди фаъолият ва/ё амалӣ намудани амалҳо ба ҳисоб меравand.

## МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Мутобиқи Шартномаи мазкур маблағи суғуртавӣ, ки дар доираи он объект суғурта шудааст _________,__ (_________________) сомонӣ ___ дирамро ташкил медиҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 4. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тарифи суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

4.2. Мукофоти суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур ________(__________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

4.3. Аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи мазкур мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ соомнӣ дар муддати 5 рӯзи корӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки шахси сеюм аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар натиҷаи ҳодисаи пешомада ҳангоми амалинамоии фаъолияти суғурташуда аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда), вақте чунин расонидани зарар ба уҳдадории Суғуртакунанда оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ ба миён меорад, эътироф карда мешавад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқаррароти бобҳои 11-12 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровaрда мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 13 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 9. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 9 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 10. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

10.1. Шартномаи мазкур аз санаи _____________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

10.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи шартномаи мазкур ба тарафҳо маълум гардидаанд, махфӣ шуморида шуда, бояд дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди тарафҳо баррасӣ мегарданд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд ва дар он имзо ва муҳри тарафҳо дарҷ гардидаанд, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳдошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

13.3. Ҳолатҳои бо Шартномаи мазкур пешбининашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм ба танзим даровaрда мешаванд.

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_______________ /_________.____./
(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

___________________________________
**Суроға:** ___________________________
**РМА:** ______________________________
**РМБ:** ______________________________
**с/ҳ:** _______________________________
**Номи бонк:** _______________________
**с/м:** _______________________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ___________________________
**Email:** ____________________________

______________

_______________/____________________./
(имзо) (ному насаб)

## АЛОҚА БО МО:

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии
маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР НАЗДИ ШАХСОНИ СЕЮМ**

Силсила _____________ Рақам____________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда:_______________________________________________

Суроғаи ҳуқуқӣ:_______________________________________________

Муҳлати амал: аз «_____» ________________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ______________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ____________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: _____________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: ___________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: _________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: __________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |
|---|---|

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |
|---|---|---|

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997 **Телефони боварии БМТ**: (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN